Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–100 дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Борбад 48/5, бинои таълимии «В», ошёнаи 3, толори №305)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзӯи "Такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит

Нақшаи стандартии ҳисобҳои муҳосибӣ асосан ба ҳисоботи андоз ва молиявии беруна нигаронида шудааст, ки аксар вақт маълумоти амалиётиро барои қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби роҳбарияти олӣ пешниҳод намекунад. Нақшаи ҳисобҳо рӯйхати низомии ҳисобҳо мебошад, ки бо фармони Вазорати молия тасдиқ карда мешавад.

Солҳои зиёд аст, ки дар иқтисод мавзӯи баҳсҳо дар бораи шаффофият ва аҳамияти маълумоти баҳисобгирӣ ва таҳияи системаҳои муассири идоракунӣ мебошад. Ин боиси пайдоиши бисёр мактабҳои илмӣ ва системаҳои баҳисобгирӣ гардид, ки нақши ҳисобҳо, равишҳои консептуалӣ барои сохтори нақшаи ҳисобҳо, даврабандии иқтисодӣ ва имконоти ҳамгироии нақшаҳои ҳисобҳо, идоракунии баҳисобгирӣ ва назорати равандҳои иқтисодиро меомӯзанд.

Нақшаи низоми баҳисобгирӣ барои идоракунии тиҷорат имрӯз муҳим аст, таҳияи он барои субъектҳои тиҷоратӣ мувофиқи низоми баҳисобгирӣ ва сиёсати дохилӣ асоси навоварӣ дар навсозии нақшаи баҳисобгирӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти илмии Ҳалимов П.А. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити кунунии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон саривақти ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти мазкур ба таҳлилу омӯзиши муқаррароти назариявӣ ва методологӣ, коркард ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба таҳияи усулҳои баҳисобгирӣ, идоракунии равандҳои молиявӣ, ташкили фаъолият, истифодаи нақшаи баҳисобгирӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, ки унсури низоми иттилоотии ташкилотҳо равона карда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот асосноксозӣ ва муқаррар намудани аҳамияти амалӣ, пешниҳоди таснифи ҳисоботи ҷорӣ-амалкунанда бо муқаррар намудани мушкилоти рушди минбаъдаи он, таҳияи низоми универсалии ҳисобҳои баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ барои корхонаҳои тиҷоратӣ дар асоси консепсияи нақшаи ҳисобҳо ва коркарди муаллифии модели нави нақшаи ҳисобҳо дар низоми баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ, инчунин пешниҳоди нақшаи кории ҳисобҳо дар асоси тағйирот ва дигаргуншавиҳо дар СБҲМро дар бар мегирад (саҳ. 6).

Аз ҷониби муаллиф қайд карда мешавад, ки нақшаи ҳисобҳо як воситаи муҳим ва асли низоми идоракунии молиявӣ мебошад. Нақшаи ҳисобҳо, ки

аксар вақт аз ҷониби мутахассисони ғайримуҳосибӣ ҳамчун норавшан ва кӯҳнашуда ҳисобида мешавад, унсури нодида гирифташудаи идоракунии молиявӣ на танҳо дар дохили корхона, балки дар саросари кишвар низ мебошад. Сохтори буҷет, бахусус таснифоти буҷет ва нақшаи ҳисобҳо бо ҳам сахт ва ҷудонашавандаанд. Аз ин рӯ, хатоӣ дар таҳияи нақшаи ҳисобҳо метавонад ба қобилияти низоми идоракунии молиявӣ барои пешниҳоди маълумоти зарурии молиявӣ барои қабули қарорҳои калидӣ таъсири назаррас расонад (саҳ. 9).

Таҳқиқот нишон додааст, ки барои истифодаи нақшаи ҳисобҳо ҳамчун сохтори ягона ва мувофиқ, риояи принсипҳои муайян муҳим буда, барои нишон додани ҳама тағйирот дар нақшаи ҳисобҳо, ки бояд бо чаҳорчӯба мувофиқ бошанд, аз тарафи муаллиф модели сохтори таҳияи интегралии низоми баҳисобгирӣ дар Расми 1 пешниҳод карда шудааст (саҳ. 11).

Муаллиф дар заминаи тадқиқот муайян мекунад, ки мушкилоти асосӣ дар баҳисобгирӣ таҳияи нақшаи ҳисобҳо мувофиқи СБҲМ мебошад. Нақшаи ҳисобҳои панҷрақама, ки аз соли 2003 инҷониб истифода мешавад ва дар вақти татбиқи он ба муқаррароти СБҲМ, ки дар он замон амал мекард, мувофиқат мекард, айни замон барои баҳисобгирии СБҲМ номувофиқ аст. Аз ин рӯ ҳар як ширкат ҳангоми таҳияи нақшаи кории ҳисобҳо бояд масъалаҳои муайянро ба назар гирад, ки муаллиф онро дар Расми 2. таҳия кардааст (саҳ. 13).

Дар асоси адабиёти илмӣ ва дастурамалҳои муҳосибӣ аз тарафи муаллиф алгоритми анҷомёбии амалиёти баҳисобгирии муҳосибӣ танҳо мувофиқи «дегӣ» дар Ҷадвали 6. таҳия ва пешниҳод карда шудааст (саҳ. 19). Ҳамчунин дар афтореферат асосҳои методологӣ ва имконоти сохтани баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ аз тарафи муаллиф дар Расми 5 оварда шудаанд, ки ҳар як модел мушкилот ва таъсири мутақобилаи мушаххасро фаро мегирад (саҳ. 21).

Муаллиф бо омӯзиши сохтори баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ, ки аз ҷониби иқтисоддонҳои рус пешниҳод шудааст, назарияи муосири НҲ-ро барои корхонаҳои ватанӣ таҳия ва пешниҳод намудааст, то низоми мустақил ва муттаҳиди баҳисобгирии молиявӣ ва идоракуниро эҷод намояд (саҳ. 22).

Дар автореферат масъалаҳои коркард ва такмили низоми нақшаи ҳисобҳо дар шароити тағйирёбии босуръати таъминоти меъёрӣ-методӣ баррасӣ гардида, дар асоси адабиёти илмӣ ва низомномаҳо дар Расми 6 Раванди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ аз тарафи муаллиф таҳия ва пешниҳод карда шудааст (саҳ. 23).

Аз ҷониби муаллиф хусусиятҳои афзалиятноки модели тағйирёфтаи нақшаи ҳисобҳо дар муқоиса бо ҷадвали кунунӣ дар Расми 8 нишон дода, ҷузъҳои модели нақшаи ҳисобҳои пешниҳодшударо дар алоҳидагӣ кушода медиҳад (саҳ. 24).

Муаллиф дар заминаи методикаҳои мавҷудбуда, бар асоси панҷ функсия, боз усулҳои нави низоми баҳисобгириро дар Ҷадвали 10 таҳия ва пешниҳод намудааст (саҳ. 27).

Инчунин дар автореферат дар Расми 7 сохтори тавсиявии ҳисобҳои даромад ва хароҷотро барои таҳияи нақшаи идоракунии ҳисобҳо пешниҳод карда шудааст (саҳ. 29).

Умуман, унвончӯ таҳқиқоти илмиро бо риояи ҳамаи талаботҳои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмӣ мебошад. Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф сохтори диссертатсияро ба пуррагӣ дар бар мегирад.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, баъзе камбудӣ низ ҷой дорад, ба андешаи мо, агар муаллиф модели таҳияшудаи низоми нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии молиявиро бо технологияҳои рақамӣ ҳамоҳанг месохт ва дар автореферат васеъ инъикос менамуд, онгоҳ таҳқиқот боз пурратар ва фарогиртар мегардид.

Камбудии боло зикр карда шуда, характери тавсиявӣ дошта, ҳамчун пешниҳод барои хуб ва пурра гаштани таҳқиқот оварда шуда, он ба мазмуни асосии автореферати тақризшаванда монеа шуда наметавонанд.

Аз ин лиҳоз, бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Ҳалимов Парвиз Абдувакилович дар мавзӯи “Такмилдиҳии нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ вобаста ба талаботи низоми идоракунӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст, ба талаботҳои муқаррагардидаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриздиҳанда:
Омӯзгори калони кафедраи идораи молияи
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи
академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд,
номзади илмҳои иқтисодӣ **Исоев Д.Т.**

Имзои н.и.и, Исоев Д.Т.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорати иҷрои
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи
академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд **Юсупова М.Ш.**

«03» 11 2026

ДОНИШКАДАИ ПОЛИТЕХНИКИИ ДТТ БА НОМИ АКАДЕМИК М.С. ОСИМӢ ДАР Ш. ХУҶАНД
РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТИ ИҶРО

(735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомони 226. Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, Тел: (83422) 6 04 54; Тел. мобилӣ: (+992) 92 709 61 62, e-mail: dilovar_isoev@mail.ru)